# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҷеъ ба диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович ба таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии шеъри солҳои 60-70-уми асри XX бахшида шуда, дар заминаи он ашъори Ғоиб Сафарзода ҳамчун намояндаи насли он солҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки ҷусторҳои ҳунарии шеъри солҳои мавриди назар, бахусус, шеъри Ғоиб Сафарзода дар қолаби диссертатсия бори аввал таҳқиқ шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи шеъри солҳои мавриди назар аз диди ҳунарӣ дар шинохти манзараи умумии густариши ҷанбаи ҳунарии шеъри тоҷик дар як марҳилаи муҳимми таърихӣ арзишнок ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама аз интихоби мавзуъ ва гузориши масъала бармеояд. Дар диссертатсия шеъри Ғ. Сафарзода ба таври монографӣ омӯхта шуда, аз ҳамин нигоҳ арзишҳои ҳунарии шеъри шоир муайян мегардад. Таҳқиқот барои пурра ва ҳаматарафа омӯхтани шеъри шоир мусоидат мекунад.

Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки масъалаи шеър муаллифро водор кардааст, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқро дар алоқамандӣ бо ҷараёни таҳаввули шеъри муосири тоҷик баррасӣ карда, ҷанбаҳои ҳунарии онро муайян кунад.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои шеъри солҳои 60-70 аз назари ҷусторҳои ҳунарӣ, ки марбут ба пуҳлуҳои шоиронагии шеър ва таҳаввули забону баёни он аст, дар адабиёти муосири тоҷикӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохти шеъри солҳои мавриди назар, аз ҷумла шеъри Ғоиб Сафарзода, ҳамчун падидаҳои адабӣ ва назарияпардозиҳои дар атрофи он бавуҷудомада маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсияи

анҷомёфта дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-

таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Ҳакимов Аскар Олимович** – доктори илмҳои филологӣ, сарходими шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ;

– **Маҳмадалиеава Муҳаббат Раҳмоновна** – номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Низомӣ М.З.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — М. Нарзиқул.

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
Хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода — Исрофилниё Ш.Р.

«29» июни соли 2024.